THE WORLD BANK
IBRD • IDA | WORLD BANK GROUP

**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ**

# Бонки ҷаҳонӣ инфрасохтори давлатии рақавӣ ва малакаҳои рақамиро дар Тоҷикистон таҳким мебахшад

**ВАШИНГТОН, 17 декабри соли 2024 –** Имрӯз Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи ҳамаҷонибаи такмили хизматрасониҳои рақамӣ ва баланд бардоштани малакаҳои рақамӣ дар Тоҷикистон, аз он ҷумла чорабиниҳои махсуси ба манотиқи деҳот нигаронидашударо тасдиқ намуд. Ташаббуси мазкур ба беҳсозии хизматрасониҳои давлатӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамӣ бо мусоидат ба ташаккули иқтисоди бештар фарогир ва устувор нигаронида шудааст.

Лоиҳаи “Асосҳои рақамии Тоҷикистон” бо маблағгузории умумии 39 миллион доллари ИМА аз ҳисоби гранти Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР) дар ҳаҷми 30 миллион доллари ИМА ва гранти аввалӣ дар ҳаҷми 9 миллион доллари ИМА аз ҳукумати Швейтсария маблағгузорӣ мешавад.

"*Ин лоиҳа як иқдоми муҳимме дар самти пешрафти иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад,”* қайд намуд **Озан Севимли, намояндаи доимии Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон**. *“Бо такмилдиҳии хизматрасониҳои рақамӣ ва малакаҳо он дар самти ҳавасмандгардонии навовариҳо, беҳсозии алоқа ва вусъатдиҳии имкониятҳои ҷамоаҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ташаббуси мазкур ба бартарафсозии нобаробарии рақамӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нав барои ҳама, аз он ҷумла барои бахши хусусӣ, равона карда шудааст.* "

Лоиҳа тавассути баланд бардоштани сифат, дастрасӣ ва шаффофияти хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳукумат манфиат меорад. Илова бар ин, зиёда аз 28,000 нафар малакаҳои рақамиро ба даст меоранд ва барои 2,000 нафар курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешаванд, ки ба беҳсозии имкониятҳои дарёфти ҷои кор нигаронида шудаанд. Густариши пайвастшавӣ тавассути алоқаи фарохмаҷро барои ҳадди ақал 100 мактаб (ва муассисаҳои давлатии дар наздикӣ қарорёфта) шароитҳои таълимро беҳтар намуда, ба коҳишдиҳии нобаробарии рақамӣ дар манотиқи деҳот мусоидат хоҳад кард.

Корхонаҳо аз заминаи бештар мусоид ва бехатари меъёрии ҳуқуқӣ манфиат мебаранд, ки он нисбати амалиётҳои рақамӣ, хизматрасониҳои беҳтар намудаи “давлат ба бахши хусусӣ” (G2B) ва платформаҳои рақамӣ, пойгоҳи афзоишёбандаи истеъмолкунандагоне, ки аз технологияҳои рақамӣ бохабаранд ва ба истеъдодҳои таҳкимдодашудаи рақамӣ, сатҳи эътимодро боло мебардорад. Лоиҳа барои густариш додани пайвастшавии мактабҳо бо мақсади сафарбарнамоии сармояи хусусӣ баҳри таъмини пайвастшавӣ ба Интернет дар минтақаҳое, ки имрӯз аз алоқаи Интернет маҳруманд, маблағгузории давлатии каталитикиро низ таъмин менамояд.

Лоиҳа аз ҷониби ҳукумати Швейтсария дастгирӣ мегардад ва дар ҳамкорӣ бо тарафҳои калидии манфиатдор ба монанди Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ва Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) амалӣ хоҳад шуд. Маркази татбиқи лоиҳаҳои (МТЛ) назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаро роҳбарӣ намуда, чорабиниҳо дар ҳамкорӣ бо Агентии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (АТИК), Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ), Корхонаи воҳиди давлатии “Шаҳри ҳушманд” (КВД “ШҲ”) ва дигарон амалӣ мегардонад.

Ташаббуси мазкур ба ҷонибдории Бонки ҷаҳонӣ дар мавриди мусоидат ба ислоҳоти рақамӣ ва устувории иқтисодӣ дар Тоҷикистон бо кушодани роҳ ба ояндаи бештар фарогир ва устувор таъкид мекунад. Бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, лоиҳа ба эҷоди як ҷомеаи бештар бо ҳам алоқаманд ва самаранок, ки аз уҳдаи ҳалли мушкилиҳои давраи рақамӣ мебарояд, нигаронида шудааст.

**РАҚАМИ ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ:** 2024/ECA/066

***Тамос:***

*Дар Душанбе:* Дилафрӯз Зоирова, + 992 48 701 5820, *dzoirova@worldbankgroup.org*

*Дар Вашингтон:* Кристофер Уолш, +1 (202) 473-4594, cwalsh@worldbankgroup.org

*Маълумоти иловагӣ дар бораи лоиҳаҳо ва фаъолияти Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон: www.worldbank.org/tj*

Саҳифаи мо дар Facebook: https://www.facebook.com/WorldBankTajikistan
Хабарҳои навин тавассути Twitter: http://www.twitter.com/ worldbankeca
Наворҳо дар канали YouTube: http://www.youtube.com/worldbank